# ТАҚРИЗИ МУШОВИРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна “Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Таҳқиқи масъалаҳои воситаҳои тасвири бадеӣ дар тарҷумаи осори адибони форсу тоҷик дар таҳаввул ва рушди равобити адабӣ таърихи чандон тулонӣ надорад. Вобаста ба мавзуи мазкур донишмандон ва муҳаққиқони соҳа ба масъалаи воситаҳои тасвири бадеӣ, сайри таҳаввули таърихӣ, ғановат ва майли маънии он низ таваҷҷуҳ гуморидаанд. Гарчанде омӯзиш ва тарҷумаи адабиёти бадеӣ дар солҳои 70-ум ва 80-уми асри гузашта оғоз гардида, ба баррасии вижагиҳои махсуси назарияи тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар осори адибони гузашта даст зада шуда бошанд ҳам, дар иртибот бо моҳияти тарҷумаи саноъеи бадеӣ, дастурҳои таърифу таснифи онҳо дар интиқоли воҳидҳои забон аз матни асл ба матни тарҷума таҳқиқоти ҷудогонае сомон напазируфтааст.

Ҷустуҷӯҳои даврони бостон ва олимони даврони шуравӣ дар хусуси саноъеи бадеӣ дар доираи васеъ маъмул гардида бошанд ҳам, омӯзиш ва баррасии роҳҳои тарҷумаи онҳо ва муаммоҳои ҷойдошта ҳангоми татбиқи таҳвилҳои тарҷумавӣ мавриди ҳадафи аслии кори онҳо қарор нагирифтааст.

Ба ин маънӣ диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна натиҷаи арзишмандест, ки аз пойгоҳи нави таҳқиқ ва навгонию такопӯйи фарохи илмӣ вижагиҳои тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеиро дар адабиёти тарҷумашудаи тоҷику форс ва англис .равшан месозад ва нуктаҳои мубрамеро дар пажуҳиши ин матолиб баён менамояд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки унвонҷӯ бо таҳлилу тасниф ва баррасии маводди фаровони осори адибони тоҷику англис андешаҳои илмии худро асоснок намуда, бо далелҳои арзишманду мустанад ба сомон мерасонад.

Муаллифи диссертатсия бо далелҳои назаррас ва муносиб ба мавзуи баҳс дар танзиму таҷзияи ин матолиби ҷаззоб ва боназокати илмию адабӣ равиши пажуҳишро асоснок намуда, сохтор ва бандубасти диссертатсияро мувофиқ ба манотиқи воқеияти услубию илмӣ ва бадеӣ тарҳрезӣ намудааст.

Сувари хаёл дар таҷрибаи аввалини муҳаққиқ аз ин шаҳодат медиҳад, ки дар ин ҷода гомҳои устувор ва боризро гузошта, дар масъалаи ҷанбаҳои забонию тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ як пажуҳиши мондагореро ба субут расонидааст.

Дар натиҷаҳои таҳқиқ ақидаҳои муаллифи диссертатсия: накди адабӣ, суханпардозию сухансанҷӣ, таҳлилу таҳқиқи мисолҳо аз осори бадеии тоҷикиву англисӣ, хулосабарорӣ дар рушди равобити адабӣ ва назарсанҷию арзишгузории ҷадидро дар шинохти моҳият ва тарҷумаи сувари хаёл падид овардаанд.

Таҳвилҳои тарҷумавӣ дар низоми воситаҳои тасвири бадеии тоҷику англис дар каломи бадеъ бори аввал ба риштаи таҳқиқи чашмандози диссертант кашида шуда, ба таври боиставу шоиста муаррифӣ гардидаанд.

Ҳавасмоҳ Соҳибназарова бори нахуст масъалаҳои интиқоли санъатҳои бадеиро дар матни асл ва адами онро дар матни тарҷума муайян намуда, инъикоси воситаҳои мазкурро мавриди пажуҳиши густарда қарор додааст ва диссертатсияи мушаххасеро бо таҳлилу далелҳое пешниҳод кардааст, ки барои омӯзиши роҳу воситаҳои таҳвили воситаҳои тасвири бадеӣ ҳангоми тарҷумаи осори бадеӣ нашқи муассир мегузоранд.

**Мақсади таҳқиқи** диссертатсия таҳлили муқоисавии фарогири ҷанбаҳои забонии воситаҳои тасвири бадеӣ аз нигоҳи тарҷума дар заминаи матнҳои адабии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад.

Ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои таҳқиқ татбиқи **вазифаҳои** мушаххаси зерин ба мақсад мувофиқ аст:

-ҷамъоварӣ ва таҳлили маводи назариявӣ оид ба воситаҳои тасвири бадеӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

-тафсири мафҳумҳои луғавӣ, истилоҳнигорӣ ва ифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар забонҳои мавриди муқоиса;

-баррасии таснифоти воситаҳои тасвири бадеӣ дар забонҳои мавриди таҳқиқ;

-муайян намудани заминаҳои назариявии мавқеи воситаҳои тасвири бадеӣ дар тарҷумашиносӣ ва тарҷумаи бадеӣ;

-тавсифи муқоисавии истиора, ташбеҳ, киноя, тамсил, қиёс, метонимия, маҷози мурсал, антономасия, ифодаи эзоҳӣ, муболиға ва тасғир дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

-нишон додани роҳҳои тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ дар тарҷумашиносӣ;

-таҳлили мисолҳои тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ вобаста ба татбиқи таҳвилҳои луғавӣ;

-муайян намудани мавридҳои татбиқи усулҳои таҳвилоти луғавӣ ва дастурӣ дар робита бо воситаҳои тасвири бадеӣ;

-ошкор сохтани мушкилоти "тарҷуманопазирӣ" ва таъсири он ба тарҷумаи воситаҳои тасвири бадеӣ;

-собит намудани нақши воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо дар тасвири бадеӣ аз нигоҳи тарҷума.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки дар заминаи таҳқиқоти анҷомдодашуда таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар асоси маводи назариявии ду забон омӯхта шуда, кӯшиши омӯзиши ин воситаҳои муассири забон, усулҳои тарҷума,

татбиқ ва фаъолияти онҳо дар низоми асари бадеӣ мушаххас карда шудааст.

Бори аввал тарҷумаи санъатҳои бадеӣ ва хусусиятҳои луғавию истилоҳии онҳо дар доираи ду забон ба таври дақиқ таҳлил карда шуд. Омилҳои луғавӣ ва дастурии санъатҳои бадеӣ, номутобиқатии истилоҳии онҳо дар луғатҳои тафсирӣ ва дузабона ва роҳҳои ифодаи онҳо дар таркиби воҳидҳои луғавии бемуодил, ки ба раванди тарҷумаи адабиёти бадеӣ таъсир мерасонанд, мавриди баррасӣ карор гирифтаанд.

Диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна ба ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ таъйин шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

Диссертант аз рӯйи мавзуи таҳқиқаш дар маҷмуъ 43 мақолаи илмӣ ва як монография ба нашр расонидааст, ки аз он 17 ададашон дар саҳифаҳои маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд, ки аз ҷониби Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президента Ҷумхурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд. Инчунин, 26 мақолаи илмии дигари номбурда дар маҷаллаву маҷмуаҳои илмии ҷумҳуриву хориҷ аз он нашр гардидаанд, ки онҳо мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

Бояд зикр намуд, ки дар рафти таҳияи диссертатсияи мавриди тақриз мустақилияти беандоза, соҳибназарӣ, нуктасанҷӣ ва фаъолияти илмии босамар зоҳир намуда, ба натиҷаҳои илмии назаррас ноил гардидааст, ки боиси таҳсин аст, зеро ӯ натиҷаҳои кори худро дар давоми тақрибан даҳ соли охир дар синфхонаҳо ҳангоми тадриси фанни тарҷума ва дар конференсияҳо ҳангоми ироаи маърӯзаҳои илмӣ ба таври мантиқӣ ва асоснок собит сохтааст.

Диссертатсияи Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна “Таҳқиқи муқоисавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар матни асл ва тарҷума дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (ҷанбаҳои забонӣ ва тарҷума)” дар забоншиносӣ ва тарҷумашиносии муосири тоҷикиву англисӣ масъалаи

тоза аст ва ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, инчунин, талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси илмии 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ лоиқ дониста шавад.

**Мушовири илмӣ:**
Доктори илми филология, профессори
кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва
назарияи тарҷумаи факултети тарҷумонии
забони англисии Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Муҳаммадиев 17/6
Суроғаи электронӣ: fayzbakhsh@rambler.ru

Имзои Турсунов Фаёзҷон Мелибоевичро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДБЗХТ
ба номи С.Улуғзода Халифаев Фазлиддин Нусратуллоевич
10.01.2025с.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС